*Ба Шӯрои диссертатсионии*
*6D.КОА-017-и назди Институти*
*иқтисодиёт ва демографияи*
*Академияи миллии илмҳои*
*Тоҷикистон (734024, Ҷумҳурии*
*Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи*
*С.Айнӣ, 44.)*

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати кори диссертатсионии Сафаров Абдулманон Маҳмадсаидович дар мавзӯи “Тадқиқи усулҳо ва василаҳои такмили идоракунӣ дар низомҳои иҷтимоӣ-иқтисодии осебпазир (дар мисоли минтақаи ҷанубии наздисарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон)”, барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси: 08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо**

Айни замон зарурати таҳқиқи амиқи муаммои рушди низомҳои иҷтимоӣ-иқтисодии осебпазире, ки дар фазои хоҷагидории мамлакати мо вуҷуд доранд, ҳамчун вазифаи таъхирнопазири илмӣ боқӣ мемонад, ҳамзамон дар фазои хоҷагидории кишвар мавҷуд будани низомҳои иҷтимоӣ-иқтисодии осебпазир ба рақобатпазирӣ ва босуботии ҳаракати тамоми иқтисодиёти миллӣ таҳдид мекунад. Омӯзиши зуҳуроти низомҳои иҷтимоӣ-иқтисодии осебпазир табиист, ки масъалаи зарурати таҳияи усулҳо ва воситаҳои идоракунии чунин низомҳои иҷтимоӣ-иқтисодии осебпазирро ба миён меорад ва ин мубрамии масъалаи илмии ба миён гузошташударо пурра муайян мекунад. Ҳачунин, дар мақсад, вазифаҳо, объект ва фарзияи илмии кор қайд гардидааст, ки омӯзиши дақиқи минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва минтақаҳои наздисарҳадӣ, такмили услубҳои тадқиқ ва низоми идоракунии онҳо метавонад боиси такмили низоми рушди барномавии минтақаҳои осебпазир бошад ва барои ҳалли мушкилоти рушди иқтисодию иҷтимоии минтақаҳои осебпазир ҳамчун омили мусбӣ хизмат кунад. Дар асоси гуфтаҳои болоӣ метавон баён намуд, ки кори диссертатсионии мазкур дар мавзӯи мубрам таҳқиқ шуааст.

Дар таҳқиқоти илмии мазкур ҷанбаҳои назариявӣ ва методӣ дар самти амалигардонии усулҳо ва василаҳои такмили идоракунӣ дар низомҳои иҷтимоӣ-иқтисодии осебпазир ва вижагиҳои фарққунандаи идоракунии низомҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, тамоюлҳои асосӣ ва самтҳои инкишофи он дар шароити ҷаҳонишавӣ, инкишофи ҳамкориҳо, бизнеси байналмилалӣ ва ташаккули ҷомеаи информатсионӣ таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Муаллиф барои расидан ба мақсади гузошташуда дар кори диссертатсионӣ вазифаҳои таҳқиқро низ дуруст муайян карда аст.

Бояд қайд намуд, ки дар навгонии илмии автореферати кори диссертатсионӣ натиҷаҳои назаррас инъикос шудааст. Аҳамияти амалии

кори диссертатсионӣ дар он ифода меёбад, ки навгониии коркардшударо ҷанбаҳои муҳимтарини рушди низомҳои иҷтимоӣ-иқтисодии осебпазир дар фазои хоҷагидории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва самтгирӣ ба «нуқтаҳои» рушд дар доираи усули идоракунии кластерӣ (системавӣ) дар ҳудуди зерминтақавӣ (якчанд минтақаҳои маъмурӣ) ташкил намудаанд.

Дар автореферати кори диссертатсионӣ баъзе камбудиҳо ҷой доранд:

1. Дар қисмати “Сатҳи таҳқиқи илмии мавзӯи диссертатсия” ҳангоми овардани рӯйхати олимони хориҷӣ ба таври мушаххас нишон додани самти тадқиқоти онҳо метавонист ин қисмати корро боз ҳам мустаҳкамтар гардонад.
2. Муаллиф дар навгонии илмӣ (саҳ. 7) аз усулҳо ва василаҳои идоракунии система дар шароити осебпазирӣ ишора кардааст, мебоист онро амиқтар маънидод мекард.

Норасоиҳои дар боло зикргардида ба моҳияти назариявӣ ва амалии кори диссертатсионии мазкур таъсири ҷиддӣ намерасонанд, зеро он тадқиқоти ба анҷомрасида маҳсуб меёбад.

Дар маҷмӯъ кори тадқиқотии Сафаров А.М., дар мавзӯи “Тадқиқи усулҳо ва василаҳои такмили идоракунӣ дар низомҳои иҷтимоӣ-иқтисодии осебпазир (дар мисоли минтақаи ҷанубии наздисарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон)”, хеле мубрам анҷом дода шудааст ва ба талаботҳое, ки нисбат ба чунин корҳо муқаррар гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

Хулоса, кори илмӣ-тадқиқотии пешниҳоднамудаи Сафаров Абдулманон Маҳмадсаидович “Тадқиқи усулҳо ва василаҳои такмили идоракунӣ дар низомҳои иҷтимоӣ-иқтисодии осебпазир (дар мисоли минтақаи ҷанубии наздисарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон)”, ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси: 08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо сазовор донистан мумкин аст.

**Тақриздиҳанда:**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти
кафедраи менеҷмент ва маркетинг З.С. Содиқзода

Имзои З.С. Содиқзодаро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Ф.А. Амиров

Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Кӯлоб , к. С.Сафаров 16.
Тел.: +992 918 14 21 11.; *e-mail: sodicovz@gmail.com*